Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)**

Масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити геополитикии мураккаби Осиёи Марказӣ, ки меҳвари таҳқиқоти илмии Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидиновичро ташкил медиҳад, яке аз мавзуъҳои муҳим ва стратегӣ дар доираи омӯзишҳои сиёсатшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти афзоиши хатарҳои амниятии замони муосир, аз ҷумла густариши терроризм, ифротгарой ва фаъолшавии гурӯҳҳои тундрави фаромиллӣ, мавзуи мавриди таҳқиқ аҳамияти амалӣ ва назариявии хос касб намудааст. Аз ҷумла, муаллиф мавзуи интихобкардаро дар заминаи таҳлили ниёзҳои воқеии амниятии минтақа пайгирӣ намуда, таҳдидҳои муосирро дар қолаби равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва геосиёсии кишварҳои минтақа мавриди баррасии амиқ қарор додааст. Ӯ тавонистааст, ки паҳлӯҳои байналмилалӣ ва минтақавии ин таҳдидҳоро тавассути таҳлилҳои илмӣ ва муқоисавӣ фаҳмонда, замина барои хулосаҳои муҳим фароҳам оварад.

Дар ҷои дигар, муаллиф ба арзёбии фаъолияти созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла ИДМ, СААД ва СҲШ дар самти муқовимат бо хатарҳои амниятӣ пардохтааст. Бо истифода аз таҳлили маълумоти манбаъҳои боэътимод ва натиҷаҳои муқоисавӣ, ӯ самаранокии фаъолият, имконоти институтсионалӣ ва нуқсонҳои ин созмонҳоро арзёбӣ карда, пешниҳодҳои муфидро дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати амниятӣ дар сатҳи минтақавӣ пешниҳод намудааст.

Қисмати дигари таҳқиқ ба омӯзиши муносибатҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ бо абарқудратҳо, ба мисли Россия, Чин ва ИМА бахшида шудааст. Муаллиф таъсири «неруи нарм»-и кишварҳои мазкурро ба равандҳои амниятии минтақа нишон дода, дурнамои ҳамкориҳоро дар ин самт бо баҳогузории илмӣ таҳлил кардааст.

Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бо ноустувории равандҳои геосиёсӣ ва афзоиши мушкилоти амниятӣ тавсиф меёбад, мавзуи амният ба унсури калидии суботи миллӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Хатарҳои трансмиллӣ, аз ҷумла шабакаҳои террористӣ, ифротгарой, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва муҳоҷирати назоратнашуда, муҳити амниятиро дар минтақа бесубот месозанд.

Дар чунин замина, таҳқиқи амиқи сабабҳо, омилҳо ва равандҳои таъсиргузор ба амнияти минтақа, аз ҷумла воситаҳои вокуниши институтсионалӣ ба хатарҳо, барои таҳияи сиёсатҳои муассир аҳамияти назаррас дорад. Бо дарназардошти ҷойгиршавии ҷуғрофии Осиёи Марказӣ ва нақши он дар бархӯрди манфиатҳои геополитикии давлатҳои бузург, минтақа зери таъсири таҳдидҳои гуногуни фаромарзӣ қарор гирифтааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович таҳти унвони «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» ҷанбаи назариявию амалӣ дошта, ба фаҳми амиқи равандҳои сиёсию амниятӣ дар минтақа мусоидат мекунад. Ҳадафи асосии ин пажӯҳиш таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳо ва омилҳои калидии марбут ба таъмини амният дар сатҳи минтақавӣ мебошад.

Масъалаҳои таҳқиқотии мавриди омӯзиш дар сарсухани рисола ба таври асоснок ва мукаммал ироа гардида, дар се боб ва шаш зербоби кори диссертатсионӣ инъикоси илмӣ ёфтаанд. Натиҷаҳои бадастомада дар қисми хулоса ҷамъбаст гардида, пешниҳодоти муаллиф дар самти татбиқи амалӣ низ бар асоси ҳамин масъалаҳо таҳия шудаанд.

Ҳарчанд хулосаҳо ва натиҷагириҳои илмии муаллиф шоистаи таҳсин мебошанд, бархе камбудиҳои ҷузъӣ низ дар муҳтавои автореферат ба назар мерасанд.

1) Дар таҳқиқот ба таври ҳамаҷониба таъсири таҳдидҳои замони муосир алалхусус терроризм ва экстремизм ба амнияту суботи ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо дар баробари он ба дигар навъи таҳдидҳо аз ҷумла таҳдидҳои низомӣ, иттилоотӣ, экологӣ, иқтисодӣ, таваҷҷуҳи камтар мароқ зоҳир карда шудааст.

2) Зимни баррасии чолишҳо ва таҳдидҳоро дар шароити Осиёи Марказӣ муаллиф ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо намуда, як қатори онҳоро номбар кардааст, аммо омилҳои асосии пайдоиши таҳдидҳоро дар заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маъмурие, ки боиси шаклгирии чунин таҳдидҳо мегарданд, ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор надодааст.

Тавсеаи ин ҷанбаҳо метавонад муҳтавои илмии таҳқиқотро ғанӣ гардонад.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд, балки метавонанд самтҳои минбаъдаи таҳқиқро муайян намуда, замина барои таҳқиқоти иловагӣ фароҳам оваранд.

Дар маҷмӯъ, муаллиф тавонистааст, ки дар асоси манбаъҳои илмии боэътимод, таҳлилҳои воқеӣ ва муҳокимаҳои назариявӣ муҳтавои авторефератро бо риояи талаботи илмӣ ба таври пурра инъикос намояд. Дақиқ будани маълумот, мувофиқати он ба мавзуъ, ва равиши илмии таҳқиқот нишон медиҳанд, ки кори пешниҳодшуда ба стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои он сазовори арзёбӣ мебошанд.

Бо такя ба муҳтавои таҳқиқот, услуби таҳлил ва хулосаҳои бадастомада, метавон гуфт, ки муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
мудири кафедраи ҳуқуқи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ **Қозиён Ш.Қ.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 66.
Тел.: (+992) 907 44 29 99

Имзои профессор Қозиён Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Мустафозода А.**

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992 37) 224 13 83;
E-mail: info@tgpu.tj

22.05.2025